Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-024-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

## ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ д.и.т., профессор Ҳотамов Н. Б. ба диссертатсияи Баҳорзода Сироҷиддини Ашур дар мавзуи «Саҳми Садриддин Айнӣ дар таҳқиқи таърихи халқи тоҷик (нимаи дуюми асри XIX – ибтидои асри XX)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ**

Диссертатсияи номзадии Баҳорзода Сироҷиддини Ашур ба яке аз мавзуҳои мубрами таърихи халқи тоҷик бахшида шудааст. Воқеан, Садриддин Айнӣ дар саргаҳи муҳимтарин ҳодисаи таърихи тоҷикон – таъсиси Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун воҳиди сиёсиву маъмурӣ барои амалӣ шудани орзуву омоли ҳазорсолаи тоҷикон хидматҳои шоиста анҷом дод. Омӯзиши ин корномаи ӯ барои тарбияи насли наврас аҳаммияти муҳимми таърихӣ ва сиёсиву тарбиявӣ дорад. Устод Айнӣ ҳамчун шоҳиди ҳол таҳаввулоти сиёсӣ ва фарҳангии сарнавиштсози миллати тоҷикро мушоҳида карда, дар бораи ҳодисаҳои охири асри XIX ва аввали асри XX назари худро дорад, навиштаҳои ӯ дар таърихнигорӣ сарчашмаи муътамади таърихӣ мебошанд. Садриддин Айнӣ дар рушди тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии тоҷикон дар асри XX саҳм гузошта, дар шароити муосири Тоҷикистон бузургдошти номи ӯ масъулияти насли имрӯз аст. Дар радифи хидматҳои арзандаи Садриддин Айнӣ барои ривоҷи фарҳангу адабиёти тоҷик, нақши ӯ дар таҳқиқу инъикоси баъзе саҳифаҳои норавшани таърихи халқи тоҷик бузург аст. Таҳқиқу баррасии осори таърихии Садриддин Айнӣ бар асоси маъхазҳои хаттӣ ва таҳқиқоти имкон медиҳад, ки саҳифаҳои нави таърихи гузаштаи мо муайян гардад.

Натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро метавон дар омӯзишу таҳлили марҳилаҳои ҷудогонаи таърихи халқи тоҷик, махсусан, вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии охири асри XIX ва ибтидои асри XX истифода намуд.

**Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи коркарди илмии проблемаи мавриди омӯзиш, робитаи кор бо барномаҳои таҳқиқотӣ, объекти таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, аҳаммияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми диссертатсия муайян гардидаанд.**

**Боби якуми диссертатсия** зери унвони «Инъикоси масоили мубрами таърихи охири асри XIX-и халқи тоҷик дар осори С. Айнӣ» номгузорӣ шудааст ва аз се зербоб иборат аст.

**Зербоби якум** «Вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии охири асри XIX дар таҳқиқоти С. Айнӣ» гузориш ва таҳлилу баррасии фишурдаест дар бораи сиёсати иқтисодии амирони Бухоро ва пуштибони онҳо ҳукумати подшоҳӣ ва вазъи оммаи халқ. Дар ин бахш ҳамчунин таъсири иқтисодии Русияи подшоҳӣ, махсусан муносибатҳои сармоядорӣ ба аморати Бухоро таҳлил шудааст. Дар нимаи дуюми асри XIX дар ҳаёти иқтисодӣ – иҷтимоии халқи тоҷик бо зуҳури унсурҳои ҷомеаи сармоядорӣ дар ҷомеаи суннатӣ - исломӣ то ҷое тағйирот ба миён омад. Ин тағйирот, аз як тараф, ба ташаккули баъзе аз қувваҳои тараққихоҳ, махсусан табақаи зиёии таъсир гузошт. Онҳо зери таъсири ин таҳаввулот ба таҳлили вазъи замон пардохтанд. Дар ин замина баъзе асарҳои бунёди таълиф шуданд, ки назари таърихнигорӣ назир надоштанд.

**Зербоби дуюм** ба мавзуи «Вазъи фарҳанги халқи тоҷик дар охири асри XIX аз нигоҳи С. Айнӣ» бахшида шудааст. Таҳлилу омӯзиши осори ӯ нишон медиҳад, ки низоми мактабҳои асримиёнагӣ дар Бухоро ба талаботи ҷомеаи нав ҷавобгӯ набуда, ба зуҳури тамоми бадбахтиҳо аз сиёсати амирони манғит дар соҳаи илму фарҳанг сарчашма мегирифт. Ӯ дар осори худ сабабҳои асосии бӯҳрони ҷомеаро пеш аз ҳама дар низоми мавҷудаи маорифи Бухоро маънидод менамояд. Таҳқиқу омӯзиш нишон медиҳад, ки С. Айнӣ дар ин самт ҳақиқатнигориро ихтиёр намуда, бе ягон тарсу ҳарос аз амирону амалдорон низоми фалаҷгаштаи Бухороро дар осораш ёдовар мешавад.

Муаррих вазъи мактабу мадорис ва аҳли зиёро мавриди таҳлил қарор дода, аз вазъи бӯҳрони фарҳанг хабар медиҳад. Омили асоси ин бӯҳронро, ки тамоми соҳаҳои фарҳангро фаро гирифта буд, дар маърифатии пасти амир ва амалдорони давлатӣ медонист. Аз низоми пасти соҳаи маориф, ки замина

рушди ҷомеа аст, шиква намуда, ягона роҳи аз ин бӯҳрон баромаданро дар решакан кардани ин низоми истибдодии аморат медид.

**Дар зербоби сеюми** боби якум «Инъикос ва баррасии ҳаракати маорифпарварӣ дар осори С. Айнӣ» мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Устод С. Айнӣ ҳамчун муҳаққиқ ва меросбари мактаби маорифпарварон дар осори хеш оид ба хусусиятҳои ин мактаби маърифатию иҷтимоии халқи тоҷик ва намояндаҳои он то ҷое тавонистааст маълумоти муфассал пешниҳод намояд. Дар ин хусус қайд намудан меарзад, ки сарчашмаи тамоми маълумоти марбут ба ҳаракати маорифпарварӣ қариб, ки аз осори С. Айнӣ чи аз асарҳои илмиаш ва чи аз он асарҳои бадеӣ, ки ҳаёт ва фаъолияти ин муҳаққиқи барҷасатро инъикос менамояд, бароемеояд.

**Боби дуюм** «Масоили таҳлилу омӯзиши таърихи ибтидои асри XX-и халқи тоҷик дар осори С. Айнӣ» ном дорад ва он аз се зербоб иборат мебошад.

**Дар зербоби аввали** боби дувум, ки «Инъикоси паёмадҳои ҳамлаи Русияи подшоҳӣ ба Осиёи Миёна ва сиёсатҳои он дар минтақа дар таҳқиқоти Садриддин Айнӣ» ном дорад сухан аз масъалаи хеле муҳим – истилои Осиёи Миёна ва паёмадҳои ҳамроҳ шудани минтақа ба империяи Русия баррасӣ шудааст. Қайд карда мешавад, ки С. Айнӣ аз гуфтани бисёр воқеиятҳо чашм намепушад. Аз ҷумла, ҳарчанд китоби ӯ дар замоне навишта шудааст, ки ҳукумати русҳо бар Осиёи Миёна қатъӣ буд, вале аз горатгариҳои лашкариёни рус дар гушаву канори Осиёи Миёна низ хабар медиҳад. С. Айнӣ марҳилаҳои асосии муносибати Русия бо Бухороро инъикос карда, дар бораи таъсироти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ин ҳодисаи муҳимми изҳори назар кардааст.

**Дар зербоби дуюм** «Садриддин Айнӣ ва масъалаҳои омӯзиши ҳаракати ҷадидия» мавриди таҳлилу омӯзиш қарор гирифтааст. Бояд қайд кард, ки яке аз аввалин *инъиксокунандагони* ҳаракати ҷадидия ва таҳқиқбарандаи мазмуну мундариҷаи он устод С. Айнӣ маҳсуб меёфт. Аз охири солҳои 80-уми асри XX ва ғолибан баъди ба даст овардани истиқлоли давлатӣ дар шинохти ҳаракати ҷадидия дигаргунии комил ба миён омад. Дар дар пажӯҳишҳои ин марҳила фаъолияти ҷадидии С. Айнӣ, ки яке аз симоҳои барҷастаи ин ҳаракати тараққихоҳона ба ҳисоб мерафт, баҳои сифатан нав гирифт. Акнун дар кишвари мо таҳқиқу омӯзиш ва нашри дубораи осори давраи ҷадидии С. Айнӣ мубрамтару муҳимтар гардид.

**Дар зербоби сеюми** боби мазкур «Вазъи иҷтимоӣ-сиёсии ибтидои асри XX дар асоси осори С. Айнӣ» мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтааст. Садриддин Айнӣ аз ҷумлаи он муаррихоне мебошад, ки новобаста аз мушкилоти замон ва имконоти на он қадар мусоид, ба таҳқиқи тамоми

соҳаҳои ҷамъиятии таърихи ибтидои асри ХХ-уми халқи тоҷик пардохтааст. Махсусан, ӯ ҳамчун шоҳиди замон вазъи ҷамъиятию сиёсии ибтидои асри ХХ-ро дар як қатор асарҳои худ ба монанди «Таърихи амирони манғитияи Бухоро», «Таърихи инқилоби Бухоро», «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро», «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» «Ёддоштҳо» ва дигар асару мақолаҳои худ ба таври барҷаста ва дар айни ҳол бо ба инобат гирифтани усули ҳақиқатнигории таърихӣ инъикос намудааст.

**Навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он ифода меёбад, ки он нахустин рисолаи мукаммал оид ба саҳми Садриддин Айнӣ дар омӯзиши марҳилаҳои муҳимми таърихи халқи тоҷик мебошад. Чунин нуктаҳо навгонии илмии рисоларо инъикос менамоянд:

– нақши Садриддин Айнӣ ҳамчун яке поягузорони таърихи халқи тоҷик бо дарназардошти омӯзиши саҳифаҳои муҳимми таърихи миллат аз ҷониби ӯ таҳқиқ гардидааст;

– инъикоси таҳлилу омӯзиши таърихи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии халқи тоҷик дар охири асри XIX аз ҷониби Садриддин Айнӣ бо муқоиса ба дигар осори муаррихони дигари давр мавриди омӯзиш қарор гирифтааст;

– масъалаи таҳқиқи ҳаракати маорифпарварӣ дар осори С. Айнӣ ва аҳаммияти назариявию амалии он дар ташаккул ва рушди афкори ҷомеа инъикос гардидааст;

- ҳаракати ҷадидия ва нақши он дар ҳаёти ҷамъияти аморати Бухоро аз диди С. Айнӣ таҳқиқу баррасӣ шудааст;

– махсусияти ҳаёти сиёсии аморати Бухоро дар ибтидои асри ХХ ва бозтоби он дар осори С. Айнӣ ҳамчун шоҳиди вақт мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар он аст, ки ӯ саҳми С. Айниро дар бораи омӯзиши масоили асосии таърихи халқи тоҷик дар охири асри XIX ва ибтидои асри ХХ дар қиёс ба осори таҳқиқотии дигар муарихон таҳлилу баррасӣ кард. Ҳамзамон дидгоҳи вайро ба унвони шоҳид ба масоили муҳиме чун маориф, ҳаракати маорифпарварӣ, истилои Осиёи миёна аз тарафи Руссия ва паёмадҳои он, ҳаракати ҷадидия дар Аморати Бухоро ва ғайра мушаххас сохт.

**Аз рӯи мавзуи диссертатсия 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия ва 3 мақола дар дигар нашрияҳои гуногун ба табъ расидаанд.**

Дар баробари ҷой доштани муваффақиятҳо дар кори илмӣ камбудиҳои зерин низ ба назар мерасанд:

1. Муалифи рисола дар умум омӯзиши осори С. Айниро ба ду марҳила тақсим кардааст. Марҳилаи аввал, давраи шуравӣ, осори муҳаққиқони зерин З. Ш. Раҷабов, М. И. Боқиев, Н. Р. Ҳошимов, М. Шаккурӣ, ва дигарон. Марҳилаи дуюм ё худ давраи «Истиқлол» асарҳои Н. Ҳотамов, М. С. Имомзода, Х. Асозода, Х. Ниёзов, С. Ш. Табаров ва дигарон номбар шудааст. Ҳол он ки асарҳои дар марҳилаи дуюм ном бурдаи муалифон низ дар замони шуравӣ нашр гардидаанд. Маълум мешаванд, ки муалифи рисола аз асарҳои дар замони Истиқлол нашр намудаи муалифони марҳилаи дуюм ё хабар надорад ё худ номбар карданро фаромуш кардааст.

2. Ба ҳеҷ кас пӯшида нест, ки дар самти илми ҷомеашиносӣ, махсусан илми таърих яке аз бузургтарин муҳаққиқон академик З. Ш. Раҷабов мебошад. Махз З. Ш. Раҷабов аввалин шуда тамоми асарҳои Садриддин Айниро дар осори худ «Садриддин Айнӣ – муаррихи халқи тоҷик», (ҳанӯз соли 1951 асари худро офаридаанд), таҳлил намуда ба ҳамаи асарҳои С. Айнӣ баҳои ҳаққонии таърихӣ додаанд. Аммо муалифи рисола дар рисола кам аз он истифода намудааст. Ҳол он, ки ҳамаи андешаҳои дар рисола оварда шуда, нигоҳи академик З. Ш. Раҷабов аст.

3. Рисолаи номзадии Р. Т. Муҳиддинов «Инъикоси таърихи халқи тоҷик дар эҷодиёти С. Айнӣ» ном дорад ва соли 1999 дифоъ намудааст. Аммо муаллифи рисолаи муҳокимашаванда танҳо ба авторeферати Р. Т. Муҳиддинов ишора намудаасту халос. Ҳол он ки дар рисола таҳқиқоти Р. Т. Муҳиддиновро бояд ба тафсил таҳлил намуда, фарқияти кори худро нишон медоданд. Хуб мешуд, ки муаллифи ин рисола рисолаи номзадии Ҳомидова Манзура Маҳмудовна-ро низ аз назар мегузаронданд ё аз мақолаҳои у истифода мебурданд.

4. Дар рисола андешаҳои муаллиф оид ба ташаккулёбии равияҳои маорифпарварӣ ва ҷадидия чандон равшан нест. Ҳол он, ки ин масъалаҳо дар асарҳои муаррихон ва файласуфон ба таври мукаммал инъикос гардидааст;

5. Бо сабаҳои номаълум муаллифи рисола аз мақолаҳои публисистии устод Айнӣ, ки дар ҷилди 9-ум Куллиёти устод гирд оварда шудааст, истифода набурдаанд. Ҳол он ки он мақолаҳо бисёр андешаҳои таърихии дар рисола овардашударо такмил медиҳад;

6. Муалифи рисола дар таҳқиқоти худ барои тасдиқи андешаҳои худ на ба маводҳои бойгонӣ, асарҳои тарихшиносон, балки бештар ба асарҳои адабиётшиносон такя намудааст. Ҳол он ки таърихшиносон асару мақолаҳои худро бештар дар ассоси маводҳои бойгонӣ навиштаанд.

Камбудиҳои зикршуда арзиши илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Сохтор ва дастгоҳи илмию техникии диссертатсия ба **талаботи КОА ҷавобгӯ** мебошанд.

**Мазмуну муҳтавои автореферат ба мазмуни таҳқиқот мувофиқат мекунад.** Диссертатсия мустақилона иҷро шуда, таҳқиқоти анҷомёфта мебошад, ва ба ихтисоси 07.00.09. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мувофиқ аст.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Баҳорзода Сироҷиддини Ашур дар мавзуи «Саҳми Садриддин Айнӣ дар таҳқиқи таърихи халқи тоҷик (нимаи дуюми асри XIX – ибтидои асри XX)» тибқи банди 53-и низомномаи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 пурра **ҷавобгӯ буда**, муалллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи ҷомеашиносии Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон** **Ҳотамов Н. Б.**

**«Тасдиқ мекунам»:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон** **Ҷӯраев Ш. Н.**

12.06.23

**Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Душанбе, х. Борбад, 48/5**
**Тел: +(992 37) 234-88-02**
**E-mail: dsx_ips@mail.ru**